# ХУЛОСАИ

**шурои диссертатсионии 6D.КОА-077 назди Академияи таҳсилоти Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.1. Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот.**

**Парвандаи аттестатсионии № ____________**
**Қарори шурои диссертатсионӣ аз**
**16 июли соли 2026, №133**

Барои сазовор донистани Аҳмадзода Зулфия Кабир шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ.

Диссертатсияи Аҳмадзода Зулфия Кабир дар мавзуи «Асосҳои консептуалии ташаккули арзишҳои миллии насли наврасу ҷавон дар заминаи истифодаи афкори педагогии ниёгон».

Аз рӯйи ихтисоси 5.3.1. Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот ба ҳимоя 04 апрели соли 2026 қабул карда шуд, протоколи №123-ИҲ-и шурои диссертатсионии 6D.КОА-077 назди Академияи таҳсилоти Тоҷикистон (734024, шаҳри Душанбе, кӯчаи А. Адҳамов, 11/2; бо фармоиши КОА аз 06.09.2024, №321/шд таъсис ёфтааст).

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Аҳмадзода Зулфия Кабир 11.12.1972 таваллуд шудааст.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ соли 1990 ба Донишгоҳи давлатии шаҳри Кӯлоб дохил шуда то хатми курси сеюм дар донишгоҳи мазкур таҳсил кардааст. Аз соли 1994 ба Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон (ҳозира Донишгоҳи миллии Тоҷикистон) интиқол ёфта, соли 1995 Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон (ҳозира Донишгоҳи миллии Тоҷикистон)-ро бо ихтисоси забон ва адабиёти тоҷик, (Ю № 008607) ва соли 2020 Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (ҳозира Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон) - ро бо ихтисоси идораи давлатӣ, (ДТО №0257583) хатм намудааст.

Фаъолияти меҳнатии Аҳмадзода Зулфия Кабир аз соли 2007 ба ҳайси оператор-коргузор дар Донишкадаи иқтисоди Тоҷикистон оғоз гардидааст ва то соли 2010 дар ин вазифа фаъолият кардааст. Солҳои 2010-2012 ассистенти кафедраи забонҳои Донишкадаи иқтисоди Тоҷикистон, солҳои 2012-2013 муаллими калони кафедраи забони тоҷикӣ ва русии Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон, солҳои 2013-2015 дотсенти кафедраи забони тоҷикӣ ва русии Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон, солҳои 2015-2017 муовини ректор оид ба корҳои тарбиявии Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон ва

солҳои 2017-2020 муовини ректор оид ба тарбияи Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон кору фаъолият кардааст.

Аз соли 2020 инҷониб ба ҳайси ноиби ректор оид ба идеология, тарбия ва робита бо ҷомеаи Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти кориашро идома бахшида истодааст.

Аҳмадзода Зулфия Кабир солҳои 2016-2020 ҳамчун докторанти анъанавӣ дар шуъбаи омодасозии кадрҳои илмӣ ва илмӣ-педагогии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 5.3.1. (13.00.01.) Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (фармоиши №180 аз 21.10.2016) корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ бурдааст.

Мавзуи кори диссертатсионии Аҳмадзода Зулфия Кабир дар мавзуи «Асосҳои консептуалии ташаккули арзишҳои миллии насли наврасу ҷавон дар заминаи истифодаи афкори педагогии ниёгон», бо қарори ҷаласаи шурои олимони Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон аз 30.09.2016, №8 тасдиқ шудааст.

Диссертатсия дар Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон иҷро шудааст.

Роҳбари илмӣ: Файзализода Ҷумахон Хол – доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи сотсиология ва психологияи идоракунии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Муқарризони расмӣ:

Сабурӣ Хайрулло Мирзозода – доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»;

Иззатова Муҳаббат Иноятовна – доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи таҳсилоти томактабӣ ва кори иҷтимоии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ»;

Давлатзода Ҷамила – доктори илмҳои педагогӣ, иҷрокунандаи вазифаи профессори кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Муассисаи пешбар**: Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ».

Дар хулосаи мусбат додашуда аз 13.06.2026, протоколи №21, ки онро раиси ҷаласа, Мансурова Ҷамила Сулаймоновна – номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, мудири кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, Раҷабов Тағоймурод Бобоқулович – эксперти таҳқиқоти диссертатсионӣ, доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи методикаи таҳсилоти ибтидоии факултети педагогикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи

Садриддин Айнӣ ва котиби ҷаласа, номзади илмҳои педагогӣ Арбобова Фароғат Анваровна имзо карда, ректори Донишгоҳи мазкур - доктори илмҳои таърих, профессор Ибодуллозода Аҳлиддин Ибодулло тасдиқ кардааст, ба диссертатсия дар умум баҳои мусбат дода, аз он ҷумла, иброз кардааст, ки: «...мавзуи интихобнамудаи диссертант, ки «Асосҳои консептуалии ташаккули арзишҳои миллии насли наврасу ҷавон дар заминаи истифодаи афкори педагогии ниёгон» номгузорӣ шудааст, яке аз масъалаҳои муҳим ва саривақтии рушди илми педагога маҳсуб ёфта, ҷавҳари афкори педагогии ниёгонро дар таҳкими рукнҳои маънавии давлатдории миллӣ, ташаккули тафаккури созандагию бунёдкории мардум, афзудани ифтихори миллӣ, хештаншиносӣ, ватандорӣ ва ҳувияти миллӣ дар бунёди ҷомеаи ҳуқуқбунёд, демократӣ ва дунявӣ нақши муассир мегузорад.

Довталаби дараҷаи илмӣ андеша дорад, ки раванди ташаккули арзишҳои ҳаётӣ, аҳаммияти онҳо дар ташаккули шахсияти ҷавонон, ба анъанаҳо, қоидаҳои рафтор, урфу одат ва маросими миллӣ ошно намудани онҳо ба омӯзиши амиқу ҳамаҷонибаи қонуниятҳои муосири танзимкунандаи масъалаҳои таълиму тарбияи ҷавонон бо мақсади истифодаи натиҷаҳои бадастомада ҷиҳати ташкили корҳои тарбиявӣ дар муассисаҳои таълимии кишвар ниёз дорад.

Аз ҷониби муҳаққиқ ба таври муфассал корҳои илмии олимони соҳаи педагогика, адабиёт, психология, фалсафа ва олимони соҳаҳои дигар омӯхта шудааст, ки дар онҳо асосҳои назариявӣ ва педагогӣ-психологии ташаккули арзишҳои миллии насли наврасу ҷавон дар заминаи истифодаи афкори педагогии ниёгон дар шароити муосир мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор гирифтааст. Дар ҳама давру замон масъалаи тарбияи ҷавонон барои олимон ва мутафаккирони бузург масъалаи мубрам ва бархурди замон ба шумор мерафт. Вобаста ба ин масъала дар адабиёти мардумӣ аз ҷониби муҳаққиқон ривоятҳо ва асарҳои илмии зиёде таълиф меёфтанд. Аз ин лиҳоз, барои ҷустуҷӯйи роҳи ҳалли проблемаҳои илми педагогика омӯзиши ҳаматарафаи мероси таърихии гузаштагон, ғояҳо ва андешаҳои педагогии муҳаққиқон, файласуфон, маорифпарварон, инчунин, роҳу усули таълиму тарбияи дар асарҳои халқӣ мавҷудбуда лозим аст».

Диссертант қайд кардааст, ки «Бисёр олимону нависандагон ва шоирони асрҳои миёна пайрави ақидаю мавқеъҳои пешқадами замони худ буданд. Онҳо башардӯстиро ҳамчун асоси тарбияи ахлоқӣ ва маънавии насли ҷавон таблиғ менамуданд. Маҳз дар ҳамин замон адабиёте арзи вуҷуд менамуд, ки манбаи донишҳо дар илмҳои гуногун ва соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ, аз ҷумла педагогика ба ҳисоб мерафт. Имрӯз он адабиёт воқеан ахлоқӣ ва амиқан маънавӣ эътироф шудааст».

Қобили қайд аст, ки диссертатсияи Аҳмадзода Зулфия дар мавзуи «Асосҳои консептуалии ташаккули арзишҳои миллии насли наврасу ҷавон дар заминаи истифодаи афкори педагогии ниёгон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.1. Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот ба таҳқиқи масъалаи мубрам ва саривақтӣ бахшида шудааст». Мавзуи диссертатсия аз нигоҳи назарӣ ва амалӣ мубрам аст ва натиҷаҳои он метавонанд дар такмили раванди таълиму тарбияи насли наврасу ҷавон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ вобаста ба ташаккули арзишҳои миллии насли наврасу ҷавон дар заминаи истифодаи афкори педагогии ниёгон, эҳтирому арҷгузорӣ ба арзишҳои миллӣ саҳми арзанда гузоранд.

Муаллиф тавонистааст, ки на танҳо мубрамияти мавзуъро ба таври дақиқ нишон диҳад, балки натиҷаҳои бадастомадаро низ бо далелҳои қавӣ ва усулҳои тадқиқотии муосир асоснок намояд.

Муаллиф тавонистааст, ки робитаи байни назарияи ташаккули арзишҳои миллии насли наврасу ҷавон ва татбиқи онҳоро ҳангоми баргузории машғулиятҳо дар заминаи истифодаи афкори педагогии ниёгон ба таври возеҳ нишон диҳад. Хулосаҳо на танҳо ҷанбаҳои назариявии масъаларо дар бар мегиранд, балки ба проблемаҳои мушаххаси ташаккули арзишҳои миллии насли наврасу ҷавонро зимни истифодаи афкори педагогии ниёгон ва такмили мусбии тарбияи ахлоқии наврасону ҷавононро дар ҷомеаи имрӯза тамаркуз мекунанд.

Инчунин, барои ба даст овардани натиҷаҳои таҳқиқот дар амал унсурҳои таҳлили мундариҷаи матн, усули баҳодиҳии ташхисӣ, усули банақшагирии самараноки озмоишҳо, пурсиш, мусоҳиба. суҳбат, мушоҳида, кори таҷрибавӣ-озмоишӣ, таҳлили натиҷаҳои таҳқиқоти озмоишӣ истифода шуданд. Асоснокии хулосаҳо ва пешниҳодҳои овардашуда, инчунин, сатҳи баланди илмии онҳо гувоҳи онанд, ки муаллиф аз осори муҳимми олимони шинохтаи соҳаи таърихи ватанӣ ва хориҷӣ эҷодкорона истифода бурдааст.

Хулоса ва тавсияҳои илмии таҳқиқ, ки дар заминаи таҳлилҳои назариявӣ ва таҷрибавӣ таҳия шудаанд ва барои татбиқи амалии натиҷаҳо заминаи устувор фароҳам овардаанд, эътимоднокии таҳқиқотро тасдиқ мекунанд.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Аҳмадзода Зулфия Кабир аҳамияти калони илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дошта, истифодаи амалии натиҷаҳои он ба рушди соҳаи маориф ва тарбияи насли наврас саҳми арзанда гузошта метавонад. Дар рисола бори нахуст ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии ин падида аз нигоҳи дидактикӣ таҳия шудааст. Ин гузориш нишон медиҳад, ки таҳқиқот на танҳо ба масъалаҳои назариявӣ, балки ба татбиқи амалии натиҷаҳои бадастомада низ таваҷҷӯҳ зоҳир намудааст.

Таҳқиқи диссертасионӣ аз ин ҷиҳат қобили дастгирӣ мебошад, ки он ба ташаккули арзишҳои миллии насли наврасу ҷавон дар заминаи истифодаи афкори педагогии ниёгон таваҷҷӯҳ мекунад, ки ин зинаи синнусолӣ барои ташаккули рушди тафаккури хонандагон тавассути арзишҳои миллии насли наврасу ҷавон хеле муҳим аст.

Мазмун ва муҳтавои кори таҳқиқотӣ дар интишороти муҳаққиқ дар маҷалаҳои тасдиқнамудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, монографияҳои илмӣ, дастурҳои таълимӣ-методӣ, мақолаҳо дар маҷмуаҳо аз конференсияи байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ ба мазмун ва муҳтавои диссертатсия ва автореферати он мувофиқат менамоянд. Инчунин, муҳаққиқ кӯшиш намудааст аз таҳқиқотҳои олимони ватанӣ, аз адабиётҳо бо забони тоҷикӣ истифода намуда бо нутқи хаттии фаҳмо фикру ақидаҳои худро иброз намояд».

Диссертатсияи Аҳмадзода Зулфия Кабир дар мавзуи «Асосҳои консептуалии ташаккули арзишҳои миллии насли наврасу ҷавон дар заминаи истифодаи афкори педагогии ниёгон» як таҳқиқоти ҳамаҷониба ва арзишманд дар соҳаи педагогика башумор меравад.

Инчунин, қайд гардидааст, ки аз ҷониби Аҳмадзода Зулфия Кабир довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ 59 интишороти илмӣ, аз ҷумла, 22 номгӯй мақолаҳои илмии зерин оид ба мавзуи диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президентии Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда ба табъ расидаанд, ки мазмуни асосии диссертатсияро инъикос мекунанд:

[1-М]. Аҳмадзода, З.К. Мусоҷонзода Ҷ.М. Нақши Эмомалӣ Раҳмон дар ҳифзи арзишҳои миллӣ ва худшиносии миллӣ [Матн] /Аҳмадзода З.К. //Паёми Донишгоҳи давлатии омӯзгорӣ ба номи С.Айнӣ,-Душанбе, 2023.-№1-2(9-10) – С.103-108.

[2-М]. Аҳмадзода, З.К. Тарбияи арзишҳои оилавӣ – ҳамчун асоси рушди устувори ҷомеаи муосир [Матн ] /Аҳмадзода З.К.// Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон-Душанбе, 2024.-№6.-С.256-260.

[3-М]. Аҳмадзода, З.К. Масоили ҳифзи арзишҳои миллӣ дар Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн ] /Аҳмадзода З.К. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон-Душанбе, 2024,- №:9.-С.318-323.

[4-М]. Аҳмадзода, З.К. Нақш ва ҷойгоҳи олимони тоҷику форс дар ҳаёти ҷамъиятӣ ва фарҳанги миллӣ [Матн] /Аҳмадзода, З.К. //Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н. Хусрав, - 2025.-№1/3(137).-С. 296-300.

[5-М]. Аҳмадзода, З.К. Об описании общепедагогических и дидактических идей футуввата (рыцарства) в средневековых трактатах[Текст] /Ахмадзода, З.К.

\\ Вестник Курган-Тюбинского государственного университета им. Н.Хусрава: 2009. -№4, С.14-18.

[6-М]. Аҳмадзода, З.К. Идеи воспитания в стихах Аттара (XII в.) [Текст]/ Ахмадзода, З.К \\Вестник Таджикского национального университета – Душанбе:-2010-№4(60). - С. 313-315.

[7-М].Аҳмадзода, З.К. Осебенности выражения педагогических и дидактических идей футуввата (рыцарства) в средневековых трактатах[Текст]/ Ахмадзода, З.К //Вестник Таджикского национального университета-Душанбе:-2010.-№7(63). С.261-263.

[8-М]. Аҳмадзода, З.К. Отличительные особенности и сходство идеалов рыцарского воспитания западной Европы, футуввата и суфизма[Текст] Ахмадзода, З.К \\ Вестник Таджикского государственного педагогического университета им.С. Айни-Душанбе:-2011.-№3(39).С.327-329.

[9-М]. Аҳмадзода, З.К. Тарзу усулҳои ташаккул додани малакаҳои кори мустақилонаи донишҷӯён [Матн] Аҳмадзода, З.К. \\ Паёми Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон, Душанбе-2016.№2(6).-С.-221-224.

[10-М]. Аҳмадзода, З.К. Роҳҳои баланд бардоштани сифати таълим[Матн] Аҳмадзода, З.К. \\ Паёми Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон2014.-№1. С.76-82.

[11-М]. Аҳмадзода, З.К. Масъалаҳои тарбия дар эҷодиёти классикони адабиёти тоҷик. [Матн] / Аҳмадзода З.К. \\ Маҷаллаи илмӣ-сиёсии ДИДНПҶТ.- Душанбе,2018.- №3(39).-С.-71-76 .

[12-М].Аҳмадзода,З.К. Гуманизм - важнейшая черта личности [Текст]/Аҳмадзода З.К.// Государственное управление. Научно-политический журнал ИГУППРТ-№1(41), 2019. - Душанбе,2019.-С.-73-78.

[13-М]. Аҳмадзода, З.К. Назаре ба таърихи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон \\ [Матн] / Аҳмадзода, З.К. // Идоракунии давлатӣ. Маҷаллаи илмӣ-сиёсии АИДНПҶТ. - Душанбе-2020.- №3(43).-С.-5-61.

[14-М]. Аҳмадзода, З.К. Развитие сферы образования в Таджкистане в годы Независимости.)[Текст] /Аҳмадзода З.К. // Государственное управление. Научно-политический журнал АГУППРТ. -Душанбе, 2020.- №2(46).-С.-97-100.

[15-М]. Аҳмадзода, З.К. Мусоҷонзода Ҷ.М. Нақши Эмомалӣ Раҳмон дар ҳифзи арзишҳои миллӣ ва худшиносии миллӣ[Матн] Аҳмадзода, З.К. \\ Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. - Душанбе 2023, №1-2(9-10).- С.103-108.

[16-М]. Аҳмадзода, З.К. Асосҳои пайдоиш ва инкишофи арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ дар давраҳои гуногуни таърихӣ [Матн] /Аҳмадзода, З.К. \\ Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. - Душанбе, 2025. №4. С.276-280.

[17-М]. Аҳмадзода, З.К. Мактаби сиёсии Пешвои миллат-Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон ҳизби мардумӣ ва неруи пешбарандаи ҷомеа[Матн]

Аҳмадзода, З.К. \\ Маҷаллаи илмӣ-таҳлилии Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, №1, 2021. – С. 17-24.

[18-М]. Аҳмадзода, З.К. Аҳамияти тадбиқи ақидаҳои педагонии ниёгон дар низоми таҳсилоти муосир[Матн] Аҳмадзода, З.К.\\Паёми Донишгоҳи Хоруг. - Душанбе 2025, №2(02), С.49-55.

[19-М]. Аҳмадзода, З.К. Зеҳнияти миллӣ ва ҳамгироии он ба арзишҳои ахлоқии умумибашарии ҷавонони донишҷӯ // Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, 2025, №4(58). – С. 29-36.

[20-М]. Аҳмадзода, З.К. Ҷойгоҳи афкори педагогии ниёгон дар ташаккули ахлоқи насли наврасу ҷавонон // Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, 2025, №4(58).- С. 100-107.

[21-М]. Аҳмадзода, З.К. Аҳамияти татбиқи ақидаҳои педагогии ниёгон ва мутафаккирони кунунӣ дар низоми таҳсилоти муосир // Номаи донишгоҳ, 2025, №4(85). – С. 132-141.

[22-М]. Аҳмадзода, З.К. Ташаккули маънавиёти насли наврасу ҷавон кишвар бо истифода аз осори педагогии ниѐгон // Номаи донишгоҳ, 2025, №4(85). – С. 64-70.

Новобаста аз дастоварду муваффақиятҳо ва пешниҳодҳои ҳадафмандона диссертатсияи мазкур аз норасоиҳо ва ғалатҳое, ки хусусияти ҷузъӣ доранд, холӣ нест ва камбудиҳои ҷойдошта сифати баланди илмии дяссертасияро коста намегардонанд. Ба инобат гирифтани онҳо дар таҳқиқоти оянда унвонҷӯ самаранок арзёбӣ мегарданд:

1. Дар қисматҳои муайяни матн ифодаҳои такрорӣ ва иборaҳои умумии бе мазмуни таҳлилӣ дида мешаванд, ки таъсири зеҳнӣ ва фаҳмоии муҳтавои илмиро коҳиш медиҳанд.

2. Дар баъзе мавридҳо ҷудосозии байни бахшҳои назариявӣ ва амалии таҳқиқот ниёз ба равшантар баён карданро дорад.

3. Сатҳи истифодаи маълумоти оморӣ, ҷадвалҳо ва диаграммаҳо метавонад васеътар ва таҳлилгаронатар бошад.

4. Ҷанбаҳои ҳуқуқӣ ва фарогирии сиёсати давлатии тарбия камранг инъикос ёфтаанд, гарчанде мавзуъ ба самтҳои миллӣ ва давлатӣ иртиботи мустақим дорад.

5. Қисме аз тавсияҳо метавонанд бо мисолҳои мушаххаси татбиқ дар муҳити таълимии кишвар тақвият дода шаванд, то таъсири амалиашон равшантар гардад.

6. Дар матни диссертатсия ва автореферат баъзе ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ вуҷуд доранд, ки ислоҳи онҳо ба манфиати кор мебошад.

Камбудиҳои зикргардида ба арзиши баланди илмии таҳқиқоти анҷомдода таъсир намерасонанд ва онҳо характери тавсиявӣ дошта, дар оянда барои

беҳтар гардидани сифати диссертатсия кумак мерасонанд. Мавриди зикр аст, ки таҳқиқоти гузаронидаи диссертант арзишҳои назаррасро соҳиб буда, дақиқӣ ва возеҳии мафҳуми диссертатсия дар гузориши муаммо ва роҳҳои ҳалли он, вазифагузории он, аҳаммияти назариявию амалӣ гувоҳи онанд.

Автореферати диссертатсия тибқи тартиби муқарраргардида барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ таҳия гардида, мазмуни асосии кори таҳқиқотиро инъикос менамояд ва дар он натиҷаҳои назарраси илмӣ асоснок гардида, шарҳи пурраи худро ёфтаанд.

Хулоса, диссертатсияи Аҳмадзода Зулфия Кабир дар мавзуи «Асосҳои консептуалии ташаккули арзишҳои миллии насли наврасу ҷавон дар заминаи истифодаи афкори педагогии ниёгон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.1. Педагогикаи умумӣ,  таърихи педагогика ва таҳсилот дар сатҳи зарурии илмӣ анҷом ёфта, аз ҷиҳати мазмун ва талаботи мавҷуда мутобиқ мебошад.

Диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.1. Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот сазовор аст.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқаррароти бандҳои бандҳои 76-79 ва 81-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 тасдиқ гардидааст, таҳия ва пешниҳод шудааст.

Тақриз аз ҷониби доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи методикаи таҳсилоти ибтидоии факултети педагогикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Раҷабов  Тағоймурод Бобоқулович омода гардидааст.

Тақриз дар ҷаласаи кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ бо иштирок ва маърӯзаи довталаби дараҷаи илмӣ Аҳмадзода Зулфия Кабир (протоколи №21 аз 13.06. соли 2026) муҳокима ва тасдиқ карда шудааст.

Ба диссертатсия ва автореферат тақризҳо ворид шудаанд.

Тақризҳоро шахсони зерин фиристодаанд:

1. Абдулхолиқзода Лутфия Абдулхолиқ – доктори илмҳои педагогӣ, директори Муассисаи давлатии “Китобхонаи миллӣ”-и ДИПҶТ.

Тақриз мусбат мебошад. Муқарриз эрод надорад.

2. Файзализода Баҳрулло Файзалӣ – доктори илмҳои педагогӣ,, дотсент, директори иҷроияи филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе.

Муқарриз чунин эрод пешниҳод кардааст:

а) Мувофиқи мақсад мебуд, ки дар автореферат асарҳои олимони ватании бевосита фарогири таҳқиқоти мазкур бисёртар истифода мешуданд.

б) Дар кори мазкур хатогиҳои имлоӣ, тарзи навишти нодурусти рӯйхати адабиёт, пурра набудани хулосаҳои баъзе зербобҳо ба чашм мерасанд.

Тақриз мусбат мебошад.

3. Аҳмадзода Бунафша Саймузафар – доктори илмҳои педагогӣ, дотсент, муовини ректор оид ба тарбияи Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М.С.Осимӣ.

Муқарриз эрод надорад. Тақриз мусбат мебошад.

Муқарризони ба автореферат тақриз пешниҳоднамуда қайд мекунанд, ки таҳқиқоти диссертатсионӣ ба талабот ҷавобгӯ буда, довталаби дараҷаи илмӣ Аҳмадзода Зулфия Кабир сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илм аз рӯйи ихтисоси 5.3.1. Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мебошад.

Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар дар асоси хулосаи комиссияи экспертӣ ва қарори шурои диссертатсионии 6D.КОА-077 аз 04 апрели соли 2026, протоколи №123-ИҲ, тибқи банди 61, Низомнома оид ба шурои диссертатсионӣ ва бандҳои 67, 69 ва 74-75-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, асоснок гардидааст.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки** дар асоси таҳқиқоти анҷомдодаи унвонҷӯ корҳои зерин **иҷро шудаанд:**

- ташаккули арзишҳои миллии насли наврасу ҷавон дар заминаи истифодаи афкори педагогии ниёгон дар заминаи методологӣ ва назариявӣ **асоснок карда шудааст;**
- омӯзиши ташаккули арзишҳои миллии насли наврасу ҷавон дар асоси истифодаи афкори педагогии ниёгон **асоснок карда шудаанд;**
- ҷанбаҳои психологӣ ва педагогӣ дар истифодаи афкори педагогии ниёгон **аниқ карда шудааст;**
- вобаста ба ташаккули арзишҳои миллии насли наврасу ҷавон тавассути истифодаи афкори педагогии ниёгон **амсила таҳия ва ба тасвиб расонда шудааст;**
- муҳтавои раванди таълиму тарбияи ба ташаккули арзишҳои миллии насли наврасу ҷавон дар заминаи истифодаи афкори педагогии ниёгон **тарҳрезӣ карда шудааст;**
- таҷрибаи амалии фаъолияти касбии муаллифи рисола **коркард ва пешниҳод карда шудааст;**
- нақши ташаккули арзишҳои миллии насли наврасу ҷавон дар заминаи истифодаи афкори педагогии ниёгон дар ҷомеа муайян, аз ҷиҳати назариявӣ

асоснок ва ба таври озмоишӣ мавриди санҷиш қарор дода шуда, самаранокии онҳо **собит карда шудааст;**

- тавсияҳои методӣ роҷеъ ба омӯзиши ташаккули истифодаи афкори педагогии ниёгон_ва нақши он дар рушди педагогикаи миллии халқи тоҷик дар фаъолияти педагогӣ **коркард ва пешниҳод карда шудааст;**

- самаранокии дар амал татбиқ намудани ҷанбаҳои педагогии ташаккули арзишҳои миллии насли наврасу ҷавон зимни истифодаи афкори педагогии ниёгон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба таври озмоишӣ **санҷида шудааст.**

**Аҳамияти назариявии таҳқиқ бо он асоснок карда шудааст, ки:**

- муҳтавои раванди ташаккул ва рушди ғояҳои педагогӣ, вижагӣ ва робитаи мутақобилаи онҳо бо донишҳои фалсафии Юнони Қадим, ки дар афкори педагогии мусулмонони Шарқ тағири шакл намуданад, таҳқиқ **карда шудааст;**

- дараҷа ва ҷанбаи таъсири таълимоти педагогии мутафаккирони бузурги ҷаҳон ба ғояҳои тарбия дар Шарқи асрҳои X-XV **муайян карда шудаст;**

- таҳаввулоти ғояҳои педагогии рушди инсон хушахлоқ аз асрҳои миёна то замони ҳозира **омӯхта шудааст;**

- структураи методологӣ ва психолого-педагогии арзишҳои миллии насли наврасу ҷавон таҳлил гардида, ҷузъҳои асосии он **асоснок карда шудаанд;**

- модели педагогии асосҳои консептуалии ташаккули арзишҳои миллии насли наврасу ҷавон **таҳия ва пешниҳод карда шудааст;**

- муқаррароту тавсияҳои назариявии дар диссертатсия ироа шуда ба методологияи муносибати системавӣ ва консепсияи илмии педагогиву психологӣ асоснок гардида, ба методҳои назариявӣ такя мекунад, ба таври васеъ мавриди таҳқиқоти минбаъда ва истифода **қарор гирифта метавонад;**

- барои корҳои минбаъдаи илмӣ **кӯмак расонида метавонад;**

- анҷоми ин таҳқиқот метавонад барои нишон додани ташаккули арзишҳои миллии насли наврасу ҷавон тавассути истифодаи афкори педагогии ниёгон дар раванди таълиму тарбия **саҳифаҳои нав боз кунад;**

- маводи таҳияшуда дар нашри китобҳои дарсӣ, васоити таълимӣ, энсиклопедияҳо ва солномаҳо мавриди **истифода қарор гирифта метавонад;**

**Аҳамияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия,** чунин тасдиқ карда мешавад, ки:

- таҳияи тарзу воситаҳои ташхисӣ барои муайян ва таҳқиқ кардани ташаккули арзишҳои миллии насли наврасу ҷавон ва талаботи онҳо ба худрушддиҳӣ дар шароити муосири ҷомеа **кӯмак расонанд;**

- таҳияи тавсияҳо оид ба истифодаи амсилаи Асосҳои консептуалии ташаккули арзишҳои миллии насли наврасу ҷавон дар заминаи истифодаи афкори педагогии ниёгон ба таври самаранок ташаккул додани онҳо **фароҳам меоварад**;

- озмоиш ва ҷорӣ намудани барномаи ҳамкориҳои самарабахш оид ба омӯзиши ташаккули арзишҳои миллии насли наврасу ҷавон дар заминаи истифодаи афкори педагогии ниёгон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва нақши он дар рушди педагогикаи миллии халқи тоҷик ба худҳавасмандсозӣ, худташкилкунӣ ва худрушддиҳии насли наврасу ҷавон **кӯмак мерасонад;**

- мавод ва натиҷаҳои таҳқиқотро дар амалияи кор бо омӯзгорони зинаи таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва дар такмили ихтисоси омӯзгорон, муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ **метавонанд** ба таври васеъ **мавриди истифода қарор бигиранд;**

- тавсияҳои илмию педагогии дар кори таҳқиқотӣ коркардшударо омӯзгорон **метавонанд** ҷиҳати баланд бардоштани самарабахшии кор ва сифати таълим **истифода баранд;**

- муҳтавои таҳқиқоти мазкурро ҳамчун курси махсус, барои бозомӯзии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ **метавон тадрис намуд;**

- натиҷаҳои таҳқиқот дар таҳияи барномаҳо, роҳнамо ва дастурҳои методӣ барои омӯзгорон ва воситаҳои таълимӣ барои муассисаҳои таҳсилоти умумӣ **ёрии амалӣ мерасонанд.**

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** нишон доданд, ки дараҷаи асоснокӣ ва дурустии илмиву назариявии таҳқиқоти диссертасионӣ, корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ ва хулосаву тавсияҳои пешниҳодшударо бо асосҳои зерин собит месозанд:

- асоснокӣ ва эътимоднокии натиқаҳои таҳқиқот, асосҳои методологӣ ва назариявии таҳқиқот **таъмин карда шудаанд;**

- мустаҳкамии назариявии фарзияи таҳқиқот, ки дар асоси таҳлили манбаъҳои илмии дохилӣ ва хориҷӣ таҳия гардида, бо таваҷҷуҳ ба хусусиятҳои синнусолӣ ва шахсияти насли наврасу ҷавон **такмил дода шудааст;**

- истифодаи маҷмӯи усулҳои гуногуни таҳқиқоти эмпирикӣ (мушоҳида, саволнома, мусоҳиба, озмоиши муқаддимавӣ ва ташреҳӣ), ки натиҷаҳоро аз ҷиҳати сифатӣ ва миқдорӣ тасдиқ менамоянд **исбот карда шудааст;**

- маҷмӯи усулҳои назариявӣ ва таҷрибавии таҳқиқотро, ки ба мавзуъ ва ҳадафҳои асосии таҳқиқот мувофиқанд **таъмин карда метавонанд;**

- интихоб ва таҳлили шароит, инчунин, натиҷаҳои таҳқиқоти таҷрибавӣ-озмоишӣ **таъмин карда шудаанд;**

- тасдиқи қоидаҳое, ки дар фарзия ва ғояи таҳқиқот пешниҳод шудаанд, **исбот карда шудааст;**

- таҳлилу арзёбӣ ва ҷамъбасти натиҷаҳои дар раванди таҳқиқот ва корҳои озмоишӣ бадастомада, **коркард ва самаранокии онҳо исбот карда шудааст;**

- муътамад будани натиҷаҳои ноилшуда ва таҷрибаи амалии фаъолияти касбии муаллифи диссертатсия **асос ёфтаанд;**

- истифодаи методҳои такмилдиҳандаи якдигар, мақсадҳои комилан мувофиқ, вазифаҳо ва мавзуи таҳқиқот, тасдиқи натиҷаҳои таҳқиқот тавассути методҳои оморӣ ва таҳлил **ба даст омадаанд;**

- иштироки бевоситаи муаллиф дар фаъолияти касбии омӯзгорӣ, илмӣ-методӣ, таҳқиқотӣ ва ташкили он дар пойгоҳи озмоишӣ **таъмин карда шудаанд.**

- муқаррароти дар таҳқиқот пешниҳодшуда бо нукоти назариявӣ ва методологӣ, асоснокӣ ва комилан мувофиқ будан бо масъала ва предмети таҳқиқот мувофиқ буда, баланд бардоштани самарабахшии ташаккули арзишҳои миллии насли наврасу ҷавон дар заминаи истифодаи афкори педагогии ниёгон аз бисёр ҷиҳатҳо **таъмин карда метавонанд;**

- натиҷаҳои таҳқиқот бо кори озмоишӣ, таҷрибаи шахсии педагогии муаллифи таҳқиқоти диссертатсионӣ тасдиқ карда шуда, натиҷаҳои ташхису санҷиш ба муқоисаи маълумоти дар ҷараёни корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ бадастомада (то озмоиш ва баъди озмоиш) **асос ёфтанд;**

- **натиҷаҳои таҳқиқот** дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ, мизҳои мудаввару семинарҳои илмиву методӣ ва омӯзишӣ ва ғ. **ироа, тасвиб ва баррасӣ шудаанд**.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар ба амал баровардани фаъолиятҳои зерини илмӣ-таҳқиқотӣ таҷассум меёбад:**

- **дар таҳлили** ҳамаҷонибаи масъалаҳои вобаста ба таҳқиқот;

- **дар истифодаи силсилаи усул ва методҳо** вобаста ба мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот;

- **дар иштироки бевосита**и муалиф дар тамоми марҳилаҳои таҳқиқот ва таҳлили ҳамаҷонибаи мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ;

- **дар ҷамъоварии мавод ва таҳлили амиқи** адабиёти илмӣ, таҳлил ва шарҳу тафсири маълумоти дарёфтшуда оид ба масъалаҳои мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ, коркарди мушоҳида ва таҷрибаву озмоиш бо зикри натиҷаҳои ноилшуда;

- **дар банақшагирии дурусту мувофиқи таҳқиқоти назариявӣ ва озмоишӣ, таҳлили миқдорӣ ва сифатии** маводу натиҷаҳои дар ҷараёни корҳои озмоишӣ бадастомада;

- **дар истифодаи маҷмуи зиёди методу воситаҳои таҳқиқотӣ** вобаста ба мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот;

- **дар таҳияи воситаҳои ташхис** барои муайян кардани ҷанбаҳои педагогии асосҳои консептуалии ташаккули арзишҳои миллии насли наврасу ҷавон дар заминаи истифодаи афкори педагогии ниёгон;

- **дар ташкил ва баргузор кардани таҳқиқоти озмоишӣ**, тасдиқи амалии муқаррароти ба ҳимоя пешниҳодшуда дар раванди озмоиш, таҳлили натиҷаҳо ва коркарди маълумот;

- **дар коркард ва мавриди озмоиш қарор додани** ташаккули арзишҳои миллии насли наврасу ҷавон дар заминаи истифодаи афкори педагогии ниёгон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- **дар таҳия ва нашри мақолаҳои илмӣ ва тавсияҳои методӣ**, иштирок дар чорабиниҳои илмӣ ва ироаи натиҷаҳои таҳқиқот, ҷаъбасти натиҷаҳои бадастомада ва коркарди таҳқиқоти диссертатсионӣ.

Дар маҷлис аз 16 июли соли 2026, №133 шурои диссертатсионӣ қарор кард, ки Аҳмадзода Зулфия Кабир ба дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.1. Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот сазовор дониста шавад.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 9 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла 5 нафар аз рӯйи ихтисоси самти диссертатсияи баррасишаванда. Овоз доданд:

тарафдор – 9 нафар, муқобил – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

**Раиси шурои диссертатсионӣ,**
доктори илмҳои педагогӣ — Сафаров Шодӣ Асомуродович

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои педагогӣ** — Муҳиддинзода Баҳриддин

Санаи барасмиятдарории хулоса: 16.07.2026.